Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.
Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои
таълимии 7, ауд. 102)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи "Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосир соҳаи сайёҳӣ барои рушди иқтисоди миллӣ нақши муассир дошта, таъминоти инфрасохтории он дар заминаи татбиқи акидаҳои назариявии ташаккул, низоми муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ ва таъмини сармоягузории он дар тамоми ҷаҳон амалӣ гашта истодааст.

Таъсири бевоситаи хизматрасониҳои сайёҳӣ ба иқтисоди ҷумҳурӣ дар қисми даромади буҷет, ташаккули ММД, афзоиши ҷойҳои корӣ зуҳурёфта, дар навбати худ барои рафъи камбизоатӣ ва афзоиши шуғл замина фароҳам меорад. Аз дигар тараф, дар шароити муосири иқтисоди миллӣ барои рушди сайёҳӣ таъминоти инфрасохтории он ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин самт ҳамчун воситаи инкишофи соҳа аҳамияти торафт бештар пайдо мекунад, зеро мавҷудият ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар самаранокии хизматрасониҳои сайёҳӣ нақши калидӣ дорад.

Дар робита ба ин, тавре аз автореферат бармеояд, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияро, ки меҳвари асосии онро асосноккунии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Захираҳои сайёҳии кишвар ва иншоотҳои инфрасохтори сайёҳӣ аксаран кӯҳна ва фарсуда гардида, сифати пасти хизматрасонӣ дар осоишгоҳҳо ва меҳмонхонаҳо ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест.

Рушди иқтисодиёти муосири Тоҷикистон, алалхусус соҳаи сайёҳии он, ба сармоягузориҳо зарурати хеле калон дорад, зеро таҳлили иқтидорҳои молиявии соҳа аз он шаҳодат медиҳад, ки ширкатҳои сайёҳӣ барои таъмини рушди самаранок, афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳо ва сифати онҳо, ки дар навбати худ мавҷудияти инфрасохтори пешрафтаро тақозо менамояд, сарчашмаҳои худии кофии маблағгузориро доро нестанд. Вазъи бамиёномада зарурати ҷалби воситаҳои қарзӣ ва сармоягузориҳо, таъмини самаранок истифодабарии онҳоро тақозо менамояд. Дар ин шароит таҳқиқи масоили дарёфти сарчашмаҳои берунаи сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ аҳамияти калони илмӣ дорад, ки ин мубрамияти мавзӯи интихобгардидаро дучанд мегардонад.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, тавре аз автореферати он бармеояд, дар он аст, ки муаллиф амалан кӯшиш кардааст, ки бо муайянсозии роҳҳои илман асосноккардашудаи истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба инфрасохтори сайёҳӣ зарурати ҷалби онҳоро исбот созад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро мавриди омӯзиш қарор дода, усулҳо ва шаклҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, хусусиятҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳиро муайян ва арзёбӣ намудааст, ҳамзамон як қатор чораҳои мушаххаси амалиро пешниҳод намудааст, ки ба рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ мусоидат хоҳанд кард.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ тавассути дарёфти захираҳои молиявию қарзӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Сифати таҳқиқот бурд мекард, агар дар ҷадв.6 (саҳ.33) доир ба ШДБХ маводҳое оварда мешуданд, ки бевосита ба сармоягузории инфрасохтори сайёҳӣ таалуқ дошта бошанд.

2. Пешниҳоди муаллиф оиди васеъ истифодабарии маблағгузории лоиҳавӣ қобил дастгирист. Хуб мешуд, агар пешниҳоди мазкур бо мисолҳои мушаххас тавсиф дода мешуд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

Хулоса: Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсия дар мавзӯи “Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) кори илмию тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он – Аҳмади Зоҳидҷон сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Тақриздиҳанда:

**мудири кафедраи «Молия ва қарз»-и**
**Донишгоҳи Славянии Руссия ва**
**Тоҷикистон, н.и.и. дотсент** Шарифов Т.А.

**Имзои Т.А. Шарифовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ** Раҳимов А.А.

.02.06.2025

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 30**
**Телефон: (+992 37) 2 27 54 59**
**e-mail: fin.kredit.00@mail.ru**